*«Ба қуллаҳои дониш»,*
*26 феврали 1960, с. 3.*

**Ду ҳикоят**

Ҷавоне аз ҳад зиёд шӯх буд: ба гап назадагӣ пичинг мепартофту ба оромнишаста кулӯх. Рӯзе гурӯҳи духтарону писарон ба хавлии дорулфунун дохил шуда буданд, ки вай ҳам аз қафо расида омад ва ноаён ба духтаре наздик шуда, дафтарҳои ӯро аз бағалаш тела дод. Дафтарҳо титу пит шуда, ба замин пош хӯрданд.

Он духтарак аз кирдори ҳамсинфаш дар назди дугонаҳояш замин накафид, ки дарояд. Ҷавон бошад, аз «оператсия»-аш шодон, ба қафо нигарон пеш мерафт ва нафаҳмида монд, ки чи сон ба кулмакчае лағжида гурсосзанон афтиду духтарони «беор» чӣ гуна қаҳқосзанон хандиданд…

🍀

Синф. Фақат овози муаллим ба гӯш мерасаду хишир-хишири қаламҳо. Нохост ҳамкурсам хам шуда пурсид:

- Ҳеҷ медонӣ, ки дар олам бадтарин одам кисту пасттарин одат чист?

Гуфтам:

- Ба фикрам, одати паст - сергапиву одами бад - он ки чизеро на худ мегираду на мегузорад, ки касе гирад.

**Р. НОСИР.**

# Ду ҳикоят

Ҷавоне аз ҳад зиёд шӯх буд; ба гап назадагӣ пичинг мепартофту ба оромнишаста кулӯх. Рӯзе гурӯҳи духтарону писарон ба ҳавлии дорулфунун дохил шуда буданд, ки вай ҳам аз қафо расида омад ва ноаён ба духтаре наздик шуда, дафтарҳои ӯро аз бағалаш тела дод. Дафтарҳо титу пит шуда, ба замин пош хӯрданд. Он духтарак аз кирдори ҳамсинфаш дар назди дугонаҳояш замин накафид, ки дарояд. Ҷавон бошад, аз «операция»-аш шодон, ба қафо нигарон пеш мерафт ва нафаҳмида монд, ки чӣ сон ба кӯлмакчае лағжида гурсосзанон афтиду духтарони «беор» чӣ гуна қаҳқосзанон хандиданд...

* * *

Синф. Фақат овози муаллим ба гӯш мерасаду хишир-хишири қаламҳо. Нохост ҳамкурсиам хам шуда пурсид:

— Ҳеҷ медонӣ, ки дар олам бадтарин одам кисту пасттарин одат чист?

Гуфтам:

— Ба фикрам, одати паст — сергапиву одами бад — он ки чизеро на худ мегираду на мегузорад, ки касе гирад.

**Р. НОСИР.**